«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.________
«__5__» _____________соли 2025

**Нусха аз суратмаҷлиси №9**
**оид ба баргузории ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 30.04.2025. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Мавлоназарзода О.А.**
**Котиб: Маҷидова Р.**

**Иштирок доштанд:** Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент О.А. Мавлоназарзода, профессорон М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, Ш.К. Ғаюрзода, П.З. Мирзозода, дотсентон Н. Шонасриддинов, Ғ.М. Бобокалон, Р.В. Мирбобоева, Э.Д. Кабутов, С.К. Ризоева, Ш.Ҷ. Мансурӣ, Н.И. Муминзода, И.М. Шарифзода, муаллимони калон Р.М. Хоҷаева, С.И. Исмонализода, ассистентон Х.С. Каримов, Ш. Шабонов, Ф.Ҳ. Азамқулов, Ф.А. Амирзода, Абдулазизи А., лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. **Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муносибатҳои асъорӣ дар низоми муносибатҳои бо ҳуқуқ танзимшаванда мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Ба гурӯҳи онҳо ҳам муносибатҳои байни субъектҳои соҳибкорӣ, ҳам шахсони воқеӣ оид ба воридоти асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва содироти асъори хориҷӣ, сарватҳои асъории Тоҷикистон, инчунин муносибатҳо байни ин субъектҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки бо ба амал баровардани назорати давлатии асъор аз болои муомилоти асъори хориҷӣ алоқаманданд, дохил

мешаванд. Ягон гурӯҳи дигари муносибатҳо муносибатҳои ҳуқуқии хусусиро оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ ба ҳам намепайвандад.

Муносибатҳои ҳуқуқии асъорӣ, ки бо ҳуқуқи маданӣ танзим мешаванд, дар байни субъектҳои хоҷагидоре, ки ба муомилоти мол, кор ё хизматрасонӣ машғуланд, ба вуҷуд меоянд. Чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ дар робита бо соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории сарватҳои асъорӣ ва дар баъзе мавридҳо, асъори Тоҷикистон ва коғазҳои қиматноки ватанӣ ба вуҷуд меоянд, яъне онҳо муносибатҳои ҳуқуқии молу мулкиро ифода мекунанд. Бинобар ин, меъёрҳои танзимкунандаи ин муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи маданӣ мансубанд. Бояд қайд кард, ки мафҳумҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқии асъорӣ мафҳумҳои «муомилоти асъорӣ» ва «аҳдҳои асъорӣ» мебошанд, зеро ҳама гуна шахсон, чи резидентҳо ва ҳам ғайрирезидентҳо, танҳо дар робита ба татбиқи ё муомилоти асъорӣ қарор доранд.

Дар танзими муомилоти сарватҳои асъорӣ, аз ҷумла бо асъори хориҷӣ тағйирот ба амал омад. Ҳамин тариқ, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраротро дар бораи усулҳои нави таъмини уҳдадориҳо, намудҳои гарав, масалан, дар бораи гарави ҳуқуқҳо аз рӯйи шартномаи суратҳисоби бонкӣ, муқаррарот дар бораи объектҳои ҳуқуқи маданӣ тағйир ёфт, пули накд аз ҷиҳати қонун ба ашё, маблағҳои ғайринакдӣ хамчун молу мулки дигар ва ғайра тасниф карда мешавад. Илова бар ин, ба қонунгузории асъор тағйирот ворид карда шуда муомилоти асъорӣ ба ҳаракати сармояи ҷорӣ ва алоқаманд, захираҳои хориҷӣ ва ғайра бекор карда шуданд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К., профессор Сангинзода Д.Ш. н.и.ҳ, дотсент Мирбобоева Р.В. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Каримов Хуршед Сафомудинович ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Каримов Хуршед Сафомудинович суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Мавлоназарзода О.А. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла устоди кафедраи ҳуқуқи маданӣ д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К. ва устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш. дотсент Мирбобоева Р.В. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Каримов Хуршед Сафомудинович муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 14 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Каримов Хуршед Сафомудинович ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 30 апрели соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 21 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 21 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа: мудири кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети
ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., дотсент Мавлоназарзода О.А.

Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра Маҷидова Р.

Имзои Мавлоназарзода О.А. ва Маҷидова Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«30» 04 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj